*Зиё Раҳмон*

# САФОИ ДИЛ



ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2014

ББК 84 Тоҷик 7-5
Р-49

Муҳаррир *Гулназар*

Р-49 **Зиё Раҳмон. Сафои дил** *(маҷмӯаи шеърҳо)*.
– Душанбе, «Адиб», 2014, 248 саҳ.

Китоби «Сафои дил»-и Зиё Раҳмон шеърҳо, рубоиҳо ва дубайтиҳо солҳои охир навиштаи ӯро дар бар дорад ва ҳикоят аз зиндагӣ ва ишқу ошиқӣ мекунад. Ватанпарастӣ ва инсондӯстӣ меҳвари эҷодиёти шоир аст.

ISBN 978-99947-2 353-9

© Нашриёти «Адиб», 2014

# ШЕЪРИ ТАБИБ

Дар яке аз дармонгоҳҳои Тоҷикистон чунин шиорро хонда будам: «Сухан ҳам мекунад моро табобат».

Оре, агар сухан дар ҷою мақоми худ бошад, дилу ҷони инсонро навозиш мекунаду болу пар мебахшад. Аммо агар худи табиб суханвар бошад, ин таъсиру ин тадбир ба маротиб расолаташро ба ҷо меорад.

Бо шеъри Зиё Раҳмон дӯстдорони каломи бадеъ шиносоии дерина доранд. Ва шояд надонанд, ки ӯ табиб аст ва ҳатто дар ин ришта унвони баланди илмӣ дорад. Дар гузашта ба шеър рӯ овардани соҳибони касбу кори гуногун як шуғли содда буд. Аммо дар замони мо ин гироиш сахтиҳои зиёде ба пеш дорад. Зеро таълими шеъру шоирӣ дар даврони мо тағйир хӯрдааст ва донистани вазну қофияву радифу санъатҳои шеъриву мантиқи сухан кори саҳлу осон нест. Аз ҳамин рӯ, ҳар гоҳ аз «қаламрави дигар» ба адабиёт рӯ овардани ҳунармандеро мебинам, шод мешавам.

Зиё Раҳмон табиби хуб, шоири хуб ва инсони хуб аст. Инро дар ҷараёни мутолиаи шеърҳояш метавон дарк кард.

Худо ба ӯ умри дароз ва илҳоми баландпарвоз диҳад.

***ГУЛНАЗАР***
*Шоири халқии Тоҷикистон*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, ори ман, номуси ман, нангам туӣ,
Сарнавишти пок дар пешонии сангам туӣ.

Тоҷикистон, хонадони бахти ман, эй тахти ман,
Ҳафт ахтар, ҳафт гардун, ҳафт аврангам туӣ!

Достони бостонии ватандории ман,
Ҷилди қомусам туӣ, девони фарҳангам туӣ.

Сарзамини ориёии авастоии ман,
Саҷдагоҳи ман, нигористони Аржангам туӣ.

Мекунам шукронаи ҳастии раҳмонии ту,
Кишвари хуршедии ман нур дар рангам туӣ.

Месароям, меситоям ман туро бо хуни дил,
Эй Ватан, эй Тоҷикистон, созу оҳангам туӣ.

## СОЛИ АСП

Биё, эй соли некӯ, соли аспи дилписанди мо,
Биё, эй хушхиромон, аспи мо, зебосаманди мо.

Биё, то орзуи дил ба подоши вафо гӯям,
Ки аз ту мерасад дар сина рӯҳи бегазанди мо.

Биё, эй то шукӯҳи тоза гирад рӯҳи исёнӣ,
Биёву фоли нав бикшо ба ин умри даванди мо!

Биё, то бо ту фоли бахт бикшоему бинвозем,
Дили дар эътибори ишқ воло, арҷманди мо.

Биё, то дуди дил аз сина бо сӯзи ҷигар гирем,
Ки болотар кашад аз оҳи мо дуди сипанди мо.

Ба гирди хони нав созему ҷамъи хеш бинвозем,
Дигар боқӣ намонад аз гузашта чуну чанди мо!

*декабри 2013*

## ДУНЁИ МАН

Дунёи ман дунёи туст, як олами бегона нест,
Ин хоки тоатпарварам эъҷози як афсона нест.

Ин мулки рӯҳафзои ман, хоки биҳиштосои ман,
Кай мешавад монанди он пайдо, ки ҷуз дурдона нест.

Фарзанди ин хоку замин, раҳвораам чархи барин
Мифтоҳи ҳар кошонаву қулфи дари ҳар хона нест.

Дунёи ман нуру хирад, бо ӯ равонам то абад,
Дар қалбҳову дидаҳост, ӯ мурғаки белона нест.

Дунёи ман мулки Аҷам, хокаш бузургу мӯҳташам,
Ӯ тангу тору тира нест, ӯ боли ҳар парвона нест.

Дунёи ман меҳри ману оҳанги ҳар шеъри ман аст,
Дар нангу номуси Ватан ҷуз фикрати фарзона нест.

Ман ошиқам, парвонаам, дар сӯхтан паймонаам,
Дар корзори меҳанам чун ман яке мардона нест.

Дар шаҳнишини хонаам аз марди мардон ҳарф гӯ,
Кохи маро бартар сано аз мидҳати шоҳона нест.

## ҶАШНИ МИЛЛАТ

*Ба эҳтироми Сарвари кишвар*
*Эмомалӣ Раҳмон*

Ҷашни мавлуди ту фархундаи миллат бошад,
Сар ба нохуни вуҷудат ҳама ҳиммат бошад.

Шасти аввал самари нек, чу бо шаст омад,
Шасти сонии ту хуршедии қисмат бошад.

Ҷумлагӣ ҳалқаи сарҷамъ сари хони дуо,
Эй нигаҳбони ту Ҳақ, Холиқи раҳмат бошад.

Ҳамагӣ лахти ҷигар рӯзу шабон раҳпоят,
Аз рухат нурфишон партави исмат бошад.

Бо ту чун машъалаафрӯз фурӯзон моем,
Дили гарми ту ба эъзози нубувват бошад.

Тани ту нози табибон напазирад ба ғаме,
Ин нидоят расад аз ғайб: «Саломат бошад!»

*Соли 2012*

*Вақт моро мехӯрад, мо вақтро,*
*Мо ғами дил мехӯрем, ӯ бахтро.*
*Сад дареғи умр, к-аз мо меравад,*
*Мерабояд аз ману ту нақдро.*

## ТАМАННО

Биё, чун содиқон аз бевафоиҳо раҳо бошем,
Ки чун хуршеду моҳи осмон пур аз зиё бошем.

Биё, то ки муҳаббат гум нагардад дар миёни мо,
Биё, бо аҳли олам дархури аҳду вафо бошем.

Вафову Содиқу Меҳрофарин номем фарзандон,
Ки бе сидқу вафову меҳр дар банди ҷафо бошем.

Фурӯғи меҳр бахшоем мардумро ба нури чашм,
Ҳама аз рӯшании ошноӣ босафо бошем.

Ба гирди раҳбари машҳури дунё дастҷамъ оем
Ва меарзад, ки ӯро чун бародар ҳамсадо бошем.

Вафову меҳр арзонӣ агар шуд дар диёри мо,
Биё, то ки ҳамеша бо Зиё мо ҳамнаво бошем.

## АЗМУ ҶАҲД

Тоҷикистонро ба азмам шуҳрати дунё кунам,
Синаҳои ташнаро бо меҳри дил эҳё кунам.

Қарздорам аз ҳавову обу хоки меҳанам,
То нафас боқист, дилро масрафи дилҳо кунам.

Сарнагун созам ҳама кибру ғурури аҳли ҷоҳ,
Меҳру шафқатро ба қалби ҳамзамонон ҷо кунам.

Пояи ақлу фаросат бо сиреши килки худ
Медиҳам пайванд, онро тарҳи нав пайдо кунам.

Қуллаи мақсуд рахшон аст дар пиндори ман,
Мерасад рӯзе, ки дарди миллатам иншо кунам.

Нурполоӣ кунам бо азми худ дар хештан,
Ҷаҳд созам, равшаниро дар Ватан маъво кунам.

## БА ЁДИ МОДАР

Ту рафтиву нарафта ёди рӯят,
Зи пеши чашми ман ёди накӯят.

Ту рафтиву хазон гашта баҳорам,
Ту рафтиву бирафта эътиборам.

Ту рафтӣ, тира шуд шоми муродам,
Саропо талх шуд коми муродам.

Дуогӯят манам то бар лаби гӯр,
Бирезам ашк ҳамчун токи ангур.

Зи қисмат нола дорам то ба афлок,
Фурӯ шуд хонаам, эй вой бар хок.

Куҷо бурдӣ худованди маро ту,
Шабовезам кунун чун мурғи ҳақгӯ.

Нишони асли поки ман куҷоӣ,
Ки истиқболи фарзандат бароӣ?

## МУҲТОҶИ БЕҲБУДЕМ МО

Дардро дармонгаре то ҳаст хушнудем мо,
Дард бедармон, ки шуд чун халқаи дудем мо.

То замоне дил тапидан дораду мо зиндаем,
Бо ҳама доду надоди умр маҳдудем мо.

Шукр гуфтан чанд шуд боз аз даҳанҳо мондааст,
Аз будаш ношукрӣ карда буди нобудем мо.

Дар пайи рӯзӣ ҳамеша дар такопӯи ғамем,
Баҳри пайдо кардани рӯзӣ пайи ҷудем мо.

Гушнаро чашмаш ҳамеша дар хаёли хӯрдан аст,
Муддате серем агар монанди Маҳмудем мо.

Дар ҳама дарди ниҳоне хуфтаву худ бехабар,
Бо ҳама сири ниҳон муҳтоҷи беҳбудем мо.

Рӯдаҳо аз гушнагӣ ҳар дам, ки таблак мезананд,
Вонамуди серӣ оварда пайи мӯдем мо.

Сода зоиданд моро содалавҳӣ кори мост,
Шеърро ҳам аз замин рӯёнда масъудем мо.

## ХУШТАРЕ НАХОҲЕМ ЁФТ

Як лаҳза ба ҳам оем, дар суҳбати дил оем,
Як лаҳза биосоем, як лаҳза дил ороем.

Аз рафтани умри хеш ҳар лаҳза биомӯзем,
Бояст ҳама донем, раҳтӯшаи фардоем.

Ҳар лаҳзаву ҳар соат, аз мо барад ин ҳоҷат,
Донем, дар ин бозор чун мол ба савдоем.

Ҳар сол фурӯ резад сад барги хазон аз шох,
Сад барги дигар рӯяд, то дидаи раҳпоем.

Ҳарчанд ҷаҳон ҷӯем, роҳе ба нишон ҷӯем,
Хуштар натавон дидан, чун дидаи биноем.

Танҳоии ин дунё, дунёи пур аз ғавғо,
Дорад хабари маҳшар, то чашм ба раҳ воем.

## ДИЛИ МОРО

Ғубори ақл дар ғам медиҳад охир дили моро,
Ҳувайдо мекунад рӯзе ғами дил ин сувайдоро.

Ба сурат не,ба сират эътибори хос мебояд,
Ки оқил бехабар аз ақл паймудаст дунёро.

Ба курии замон дидам, ки то дар мо намебинад,
Ҳазорон парда мепӯшад сиёҳӣ чашми биноро.

Ҷаҳони нестӣ ибратгаҳи панд асту осоиш,
Зи ҳастӣ мекашад рӯзе ҳама пинҳону пайдоро.

Надорад устувор аз ин сутун бар пояи ҳиммат,
Ки ҳарчӣ рафт, бар ҳукми амонат медиҳад ҷоро.

Зиё аз нури Ҳақ дорад сари боло ба болидан,
Ки дарҳам меситояд эътибори нури Якторо.

## ТАСАЛЛӢ

Ранҷи дуриро кашидан кори ҳар дилтанг нест,
Мавҷи дарёро шикастан кори ҳар харсанг нест.

Собирӣ ҳам мисли санги зери дарё давлат аст,
Носабурӣ дар раҳи ишқу муҳаббат, нанг нест.

Ранҷи дунё ҳеҷ бошад, пеши ранҷи ишқи пок.
Дар раҳи ишқ ар гиребон чок созӣ, ҷанг нест.

Аз дили шоир намеояд бурун бедард ҳарф,
Ҳарф агар бо дард бошад дон, ки бе оҳанг нест.

Дар замири ман намеғунҷад ба ҷуз ҳарфи вафо,
Бевафоӣ ҳар ки дорад дар дилаш фарҳанг нест.

Гар хате дар рӯи рухсорат бидидӣ, ғам махӯр,
Як-ду хат дар сояи мижгон ҳанӯз ожанг нест.

Гар нагирйӣ дар раҳи тақдир гоҳе бо алам,
Зиндагонӣ бо ҳама зебоияш пурранг нест.

Гар ғуборолуд дидӣ, синаи пурдарди ман,
Оҳу фарёди дили ман нолаи ҳар санг нест.

## ДАРЕҒ

Ҷавонӣ майли рафтан дораду ман не,
Зи ман манро рабудан дораду ман не.

Набитвонам, ки дастомӯзи кас бошам,
Чу вақт уммеди гаштан дораду ман не.

Шуморад лаҳзаҳои умри ман соат,
Ки ҳар дам ӯ шумурдан дораду ман не.

Ҳанӯзам ношикаста ормони дил,
Ки ӯ аз ман гусастан дораду ман не.

Ҷавонӣ пайкар асту пояи умр аст,
Ки он ҳар сӯ хамидан дораду ман не.

Марав аз ман, ту эй рангинии умрам,
Ки соат аз ту рафтан дораду ман не.

## УМЕДИ ДИЛ

Уммеди дили шикастаармони манӣ,
Маҳпораи осмонию ҷони манӣ.

Эмин зи азоби рӯзгорат бинам,
Доруи муҳаббатию дармони манӣ.

Аз нози нигоҳи ту дилам сер нашуд,
Зеро ту гули зи дида пинҳони манӣ.

Имрӯз маро умеди фардои ту бас,
Ёдовари чашми чор дар хони манӣ.

Ҳусни ту биҳиштӣ аст дар олами ман,
Афсонаи ҷовидони даврони манӣ.

Мафтун ба ду чашми обии содаи ту,
Дунёи фиребоии имони манӣ.

Имрӯз, ки синареши ҳиҷрони туям,
Оё ту ҳам, эй нигор, пазмони манӣ?

## МЕҲРОБИ НАМОЗ

Меҳроби намози ман туӣ, ту,
Ҳам маҳрами рози ман туӣ, ту.

Ҳусни ту биҳиштӣ аст, ҷоно,
Рангинии сози ман туӣ, ту.

Имрӯз, ки синареши ҳаҷрам.
Насрингули нози ман туӣ, ту.

Исёни дилам садои меҳр аст,
Ганҷинаи бози ман туӣ, ту.

Осоиши қалби ман, куҷоӣ?
Таскиндеҳи ози ман туӣ, ту.

Тӯтии забони ишқ гӯёст,
Боз о, ки ниёзи ман туӣ, ту.

Бесабраму интизори васлам,
Оғози намози ман туӣ, ту.

## МОВУ ТУ

*Ба дӯстам Салими Хатлонӣ*

Мову ту ҳамнафаси дунёем,
Мавҷи пуршӯри ҳамин дарёем.

Мову ту соҳили сабзем ҳанӯз,
Нахли худрӯяки побарҷоем.

Мову ту чашмаи шеъРему суруд,
Раҳнамои хушии дилҳоем.

Мову ту ошиқи эъҷози сухан,
Дили гармему пур аз савдоем.

Мову ту шохаки аз нахли умед,
Роздори нафаси танҳоем.

Мову ту ошиқи ишқему ҳавас,
Ҷилвапардози дили шайдоем.

Эй хуш ин сӯзи вафо дар дили мо,
Мову ту чашми нами ғамҳоем.

Мову ту зеби ҳамин дунёем,
Ифтихору самари фардоем.

## МУҲАББАТ

Бе муҳаббат зиндагонӣ ҷӯр нест,
Токи хушке хӯшаи ангур нест.

Бе муҳаббат нест умри ҷовидон,
Дӯзах аст он, як нишон аз ҳур нест.

Умри барбод асту ҳам гирдоби ғам,
Дар ҷабини бемуҳаббат нур нест.

Ишқ доруи муҳаббат ҳасту бас,
Ишқ бошад, тори дил ноҷӯр нест.

Ҳар кӣ бошад мубталои ишқи пок,
Бахтро дарёфтан пурзӯр нест.

Соҳиби дунёи дил бошӣ агар,
Ҳарфи ширин дар даҳон пуршӯр нест.

Ҳеҷ гаҳ ширин нагуфтам талхро,
Чашм агар андак бубинад, кӯр нест.

## ГАНҶИНА

Ганҷи ту дар орази рахшони туст,
Ганҷи ту дар чеҳраи шодони туст.

Ганҷи ту сар то ба нохуни ту аст,
Ганҷи ширин зираи дандони туст.

Ҳар касе бинад туро, ошиқ шавад,
Сирри он дар хандаи чун ҷони туст.

Ганҷи ту лаъли Бадахшонро гузашт,
Ганҷи олам як гули райҳони туст.

Ҳар нигоҳат лаълу ёқуту зар аст,
Шоире овораю сарсони туст.

Ҳар нигоҳат дилкаш асту дилфиреб,
Қалби шоир волаву ҳайрони туст.

## МЕҲР

Ҳамчу шеъри дилпазире ёд меорам туро,
Ҳамчу ҳарфи ишқи ширин дӯст медорам туро.

Энчунон дар қалби ман ҷо кардаӣ, яктои ман,
Бо ҳама ғамҳои дил, эй моҳи ман, ёрам туро.

Ғояти Фарҳод дорад ҳиммати мардонаам,
Лаҳни Ширин дода аз меҳри шакарворам туро.

Хона холӣ кардаам дар дил, ки бозат бингарам,
Моҳи ман, шоҳи азизи қалби афгорам туро.

Нест дигар эътиборе бе ту дар бунёди ман,
Умрҳо хоҳам бубинам, эй дилозорам, туро.

Ман Зиёи офтоби нурбори ҳикматам,
Додаам дил дар баҳои ҳарфи ашъорам туро.

## ГУЛИ ОРЗУ

Гул ҳамекорам, гули рӯи ту то эҳё шавад,
Бори дигар то дилам бар ҳусни ту шайдо шавад.

Хор гаштам бе ту, то аз ман канор афтодаӣ,
Кош рӯзе дар дилат меҳри саодат ҷо шавад.

Сӯи ту раҳ мебарам дар водии ҳайрат ба ғам,
Ошиқи кӯи ҳақиқат бесару бе по шавад

Дар муҳаббат нест ҷои мову ман, то бингарӣ,
Мо шавад ман аз навое, ман ба ҳикмат мо шавад.

Ҳар кӣ дар кӯи ту муштоқи ҷамоли дилбарист,
Оқибат саргаштае бо оҳу вовайло шавад.

То Зиё аз ишқ менолад, биёрад рӯ ба сабр,
Баски ҳар девонаро аз ишқ ғам эҳдо шавад.

## МАНУ ДИЛ

Дилам нолон бувад чун боди шабгир,
Ману дил бандаҳои банди тақдир.

Куҷо ҷои гурез аз роҳи қисмат,
Зи ҳоли якдигар гаштем дилгир.

Ҳама иншои дил пур аз хато буд,
Забони дил бибояд кард таҳрир.

Ман аз ин сарнавишти дил чӣ нолам?
Худо дида раво ин гуна тағйир.

Ба ҷуз шеърам дигар дилсӯзи дил нест,
Бароям ӯст ҳам тадбири таъбир.

Дилам рӯзе битаркад чун аноре,
Битаркад, сар равад чун косаи шир.

Дилам дар маҳзари Ҳақ ҷой дорад,
Муҳофиз бар тану ҷон асту тадбир.

Агар рӯзе маро ӯ тарк гӯяд,
Зи Наққошам бипурс ин кори тақсир.

## НАШУД

Ними умрам рафт, роҳат сар нашуд,
Солу маҳ бигзашт, дил дигар нашуд.

Тарки одат нест осон ҳамчу ишқ,
Тарк гуфтам, ҳоли дил беҳтар нашуд.

Раҳнамо ҷӯё шудам дар зиндагӣ,
Ҷуз зи Ҳақ дигар касе раҳбар нашуд.

Тоҷи давлат буд модар бар сарам,
Баъди сар ғайре маро модар нашуд.

Мурғи бахтам дар қафас дилгир шуд,
Мурғаке дар боми дил кафтар нашуд.

Булбули завқам зи боми ман парид.
Чуғзи ғам ҳам бар сарам довар нашуд.

Саргаронам дар раҳи паймудаам,
Чунки аз паймудаам дил тар нашуд.

Интихобам саҳв шуд дар зиндагӣ,
Кишти ҳосилдодаам сафдар нашуд.

Дил зи танҳоӣ ба фарёд омада,
Дар канорам як зане ҳамсар нашуд.

## ГАВҲАРИ РАХШОН

*Эҳдо ба устоди зиндаёд*
*Ниёз Сафар*

Дарёи дилаш гавҳари рахшон дорад,
Бас хотираҳо зи боду борон дорад.

Оинаи беғубори қалбаш соф аст,
Дар тоби фаришта, рози инсон дорад.

Мардонагӣ аз виқори ӯ омӯзам,
Дар саргаҳи хоксорӣ армон дорад.

Осуда надидааст ин умри равон,
Умре ба фалак дасту гиребон дорад.

Дасташ нарасад ба корзорони фалак,
Дар кори фалак ҳамеша исён дорад.

Роҳе, ки гирифтааст, аз иршод аст,
Дар ҷону танаш ҷавҳари ирфон дорад.

Роҳи қадамаш ба дори дунёст накӯ,
Ӯ аҳли дилу вафои паймон дорад.

Хушҳолии ӯ зи даргаҳи Ҳақ хоҳам,
Ҳаққо ки сазои лутфи Раҳмон дорад.

Мо сар ҳамагӣ дар қадамаш бигзорем,
Хоки қадамаш накҳати эҳсон дорад.

То ҳаст ҷаҳон, ниёз дорем ӯро,
Дар ҷон талаби ниёзмандон дорад.

## ҲИДОЯТ

Дил фидои ҳамдили ҷонӣ кунед!
Меҳрро андар дил арзонӣ кунед!

Май адуи ғам бувад чун бо ғазал,
Май бинушеду ғазалхонӣ кунед!

Рафт чун меҳр аз само, то субҳдам,
Меҳрро дар синаҳо бонӣ кунед!

Гармрӯ ёрони чун нон парваред,
Дӯсте ҷонӣ зи ҳар нонӣ кунед!

Мизбони хеш бошед аз карам,
Лек гоҳе азми меҳмонӣ кунед!

Сар ба пойи кас намонда аз ғурур,
Дил ба роҳи шеъри кайҳонӣ кунед!

## ЗИЁБАХШ

Ҳар ки моро мешиносад, мешиносад хешро,
Қалби пурармону оҳу нолаи пуррешро.

Ҳар ки моро мешиносад, дар суроғи мо бувад,
Мепарастад қалби ман ҳарфи хуши дарвешро.

Суҳбатам шояд наояд хуш ба ҳар кӯтаҳназар,
Ин дили ман мешиносад фарди бадандешро.

Қалби ман банд аст доим дар хаёли рӯи дӯст,
Синаи ман ҷо надорад зарбаи ҳар нешро.

Гӯши ғам кар шуд магар, нашнид фарёди дилам,
Ё намедонад магар оёти дину кешро.

Чашмаи шеърам ҳамеша, то нахушкад ҳарфи дил,
Бо зиёиям зиё бахшам баландандешро.

## НОЗИ ДИЛҶӮЯТ

Нози дилҷӯят маро девона кард,
Аз замину осмон бегона кард.

Ишқ кай донад ҳама нокомияш,
Сабри дил берун маро аз хона кард,

Завқи ишқат боли илҳомам кушод,
Интизорӣ мурғаки белона кард.

Ёд аз мо мекунӣ оё? Бигӯ!
Наргиси ту фитнаи фаттона кард.

## ҲАСРАТИ МАҲҶУРӢ

Зиндагӣ дар мову ту сар кард ин афсонаро,
Чанд дар ғам мубтало кард ин дили девонаро.

Бо садову бесадо фарёд дорам аз ғамат,
Сарду хушку тира дидам кулбаи вайронаро.

Бе ту ман дунё надорам, то қаландартинатам,
Қалби ман нашнохт бе ту фаршу боми хонаро.

Сӯхтам, дармон куҷо сӯзу гудози синаро?
Гӯшаи кошона кардам ин дари майхонаро.

Дар фироқи дилбари гумгашта месӯзам ҳанӯз,
Ёри ҳамдам кардаам ин соғару паймонаро.

Дар дилам ҷои дигар боқӣ наёбад дилбаре,
Қалби шайдо кай пазирад дилбари бегонаро?!

## ДАР ҒАМАТ

Об шудам об шудам дар ғамат,
Дилбари маҳтоб шудам дар ғамат,

Кай бишукуфад гули армони дил.
Ёри майи ноб шудам дар ғамат.

Рӯзи висоли ману ту дер шуд,
Хаставу бетоб шудам дар ғамат.

Ҳаҷри рухат сӯхт маро, нозанин,
Қатраи симоб шудам дар ғамат.

Кӯзаи чашмам зи сабурӣ шикаст,
Чашмаи беоб шудам дар ғамат.

Мурғи умедам зи шабам пар гирифт,
Пардадари хоб шудам дар ғамат.

## ПАЙДО МЕКУНАМ

Қатраи обам, ҳама даъвои дарё мекунам,
Гарди хокам, орзуи рӯи дунё мекунам.

Барги зардам дар баҳору барги сабзам дар хазон,
Дар самар ё дар нумӯям, ёди фардо мекунам.

Дард дорад қалби ман аз нобасомонии давр,
Ман ба килки безабони хеш даъво мекунам.

Ноаён аст олами дил дар назар ҳамчун хаёл.
Бо ҳамин уммед дилро банди дилҳо мекунам.

Умри ширин ёфтан осон намеояд ба кас,
Ман аз ин рӯ умри худ аз ишқ пайдо мекунам.

## РОҲИ ҲАМА БАР СӮИ ӮСТ

Ин баҳорам боғи дилро заъфарон омад,
Аз ниҳони осмонҳо ногаҳон омад.

Баҳри будан ё набудан имтиҳон омад,
То дили фарёдзоям назъи ҷон омад,

Бори дигар ман ба дунё омадам гӯӣ!
Бори дигар баҳри дилҳо омадам гӯӣ!

Омадам, то дил шиносам бештар, ё Раб,
Накҳати гулҳо бибӯям бештар, ё Раб!

Омадам, то ки шиносам хештанро беш,
То ки бар шӯр оварам ин ҷону танро беш.

Омадам, то бо диле дардошно бошам,
То ба дарди дигарон як дам даво бошам.

Эй дили шӯридаам, осуда бош ин дам,
Баҳри ҳастият кунам умре талош ин дам.

То ки нафъе бар халоиқ оварам аз нав,
Мисраъеро ҳамчу Лоиқ оварам аз нав.

Имтиҳони зиндагӣ бешу камӣ дорад,
Варна умри одамӣ шодӣ, ғаме дорад.

Ман Зиёям, ифтихори Тоҷикистонам,
Накди ҷонам, ҷоннисори Тоҷикистонам.

Имтиҳони марг ваҳми доимӣ бошад,
Ҳамчу занҷире ба пои одамӣ бошад.

Зиндагӣ аз марг ширин аст, аммо кас
Маргро бо чашми худ ёре набинад бас.

Роҳи мову ман ҳама бар сӯи марг ояд,
Роҳи дигар нест, по дар ҷӯи марг ояд.

Роҳи дигар ку? Ҳама раҳпӯи уқбоем,
З-ин сабаб дар коми марги сард меоем.

*Соли 2011*

## БОВАРӢ

Ба шабкӯре чароғе даргирондам,
Ба кунҷи дидагони худ нишондам.

Ки то ӯ пеши пояшро бубинад,
Гули армон зи умри худ бичинад.

Бидодам даст то дастам бигирад,
Ва гар гирям қатори ман бигиряд.

Ба ҷои он ки ӯ чашмаш кушояд,
Зи ақли ман каме ақле рабояд.

Надид ин кӯрдил пешу паси худ,
Ба ҷуз ифлосиву хору хаси худ.

Чӣ гирӣ аз кавиру модакавдан?
Ба ҷуз оне зи пуштат айб ҷустан.

## ЁДДОШТ

Қадри шавҳарро надонад гар зане,
Бенасаб монад зи чандин гавҳаре.

Гар зане аз пушти сарват шуд равон.
Нафси ӯ дар банди давлат шуд ҷавон.

Риштаи меҳру муҳаббат барканад,
Ишқи чандинсоларо барҳам занад.

Пулбакаф шуд ҳамсарат, ҳушёр бош!
Масту найрангбоз шуд, ҳушдор бош!

Меҳрбонияш як даме аз даст рафт,
Ҳамчу моҳӣ ту бидон аз шаст рафт.

Қиссаи макраш намегардад тамом,
Ӯ нагардад аз сари нав бар ту ром.

Гар зане, ки иффаташ аз даст дод,
Пеши шавҳар иззаташ аз даст дод.

Чизхоҳиро агар ӯ пеша кард,
Нописандӣ дар дили ӯ реша кард.

Ту дигар аз ӯ манол, аз худ бинол,
Фолбинҷӯ шав – бубинад аз ту фол.

## ШИКОЯТ БА ХУД

Ҳар касе хоҳад бубинад дилбарӣ,
Ҳамсарашро ӯ намонад чеварӣ.

Ҳушу гӯшу ҷисму ҷонаш чоку дарз,
Ӯ зи хотир мебарорад ҳамсарӣ.

Роҳи дигарро бубояд ҷустанаш,
То раҳо ёбад зи умри сарсарӣ.

На либоси шуста на болишти хуб,
Ту аз ин дилбар чӣ сон роҳат барӣ.

Кист ёбад аз сари сӯзан сахо,
Аз фурӯғаш кай фурӯзад ахтаре.

Хоҳӣ ар роҳат барӣ аз умри худ.
Дур кун аз ҳамсари худ чеварӣ.

## ҲУШДОР

Ҳар гаҳ, ки ба қалби шоире, санг занӣ,
Бар пардаи нозуки дилаш чанг занӣ.
Аз илму адаб, туро набудаст асар,
Рӯзе бирасад чу оҳане занг занӣ.

Аз кинаву бухле, ки туро ҳаст ба дил,
Дар мағзу раги дилат гирифта манзил.
Амрози сироятӣ, ки дар сар дорӣ,
Сӯрох кунад узви танат ҳамчун сил.

Аз моли ҳароме, ки ту бар даст орӣ,
Чун чангаки моҳиест, бар шаст орӣ.
Рӯзе бирасад, ки шастат аз даст фитад,
Дар пеши ҷаҳони дун сари паст орӣ.

Ту олами зар шумориую дилро не,
Муште ба саре биёриую дилро не.
Дар олами молу зар гар аз худ биравӣ,
Донӣ ҳамаро ту дориву дилро не.

## САНГИ МАЗОР

Эй модари ғамгусору ғампарвари ман,
Будӣ чандеву шудӣ ту аз бари ман.
Чун кони зиё ба кулбаам боз биё,
Бе рӯи ту нест шуъла дар ахтари ман.

Дар лавҳаи дил навиштаам ёди туро,
Афсонаи рӯзгори ношоди туро.
Шаббодаву говгуми кӯҳу дараҳо
То гӯши ман оваранд фарёди туро.

Ёди ту ба нола дар ба дар хоҳам бурд,
Доғӣ туву лола дар ҷигар хоҳам бурд.
Ғамномаи талхи рӯзгор аст маро
Ин умр, ки бе туяш бар сар хоҳам бурд.

Дидам сари гӯр пораи ҷоми туро,
Чун ғусса ба ҷон гирифтам айёми туро.
Бар санги мазори ту ба ҳасрат нигарам,
Бар санги мазори дил канам номи туро…

## ҲАСРАТИ ДИЛ

Рафтиву набурдӣ ҳамраҳат ҷони маро,
Ин ҳолати ногувору сарсони маро.
Рафтиву ба ҷони ман азоб овардӣ,
Нашнида магар ту оҳу афғони маро?

Рафтиву ман аз фироқи ту доғ шудам
Шӯридадиле чу булбули роғ шудам.
Чашмам ҳама шаб роҳи туро мепӯид,
Чун зоғи сияҳ фирорӣ аз боғ шудам.

Рафтиву хаёлам ҳама раҳпои ту буд,
Ҷону тани ман ғариқи дарёи ту буд.
Рафтиву набуд дилат ба рафтан моил,
Гӯшу ҳуши ман ҳама ба авзои ту буд,

Рафтиву нигаҳ канда нашуд аз қадамат,
Ғамҳои дилам тоза нашуд аз аламат,
Рафтиву зи гӯши дил садоят омад:-
Ман меравам у ту мону шеъру қаламат,

## ЗАНГ БИЗАН

Занг бизан, то ки садоят шавам,
Ноз кашам, обу адоят шавам.
Занг бизан қалби маро соз деҳ,
Садқаи он нури чу моҳат шавам.

Занг бизан ҷӯр ману ту шавем,
Хӯшаи ангур ману ту шавем.
Ишқ ки он доди Худованди мост,
Садқаи ин ҳур ману ту шавем.

Ҳеҷ ту донӣ, ки маро сӯхтӣ,
Шӯълаи умед барафрӯхтӣ.
Ҷилваи чашмот нигоҳам рабуд,
Тори нигоҳат ба дилам дӯхтӣ.

Омадаам то ки нигоҳат барам,
Сайр кунам чашм ба боғат барам.
Атри ҷамолат ба димоғам биёр,
Бар чамани ишқ суроғат барам.

Занг бизан, ҷонаки ширини ман,
Занг бизан, ахтари симини ман.
Занг бизан, акси садоят шавам,
Занг бизан, гавҳари рангини ман.

## ЭЙ ЁРАКИ ДАРВОЗӢ

Эй дилбари таннозам,
Бо нози ту менозам,
Аз сӯзи фироқи ту,
Месӯзаму месозам.

Эй ёраки дарвозӣ,
Беҳуда чӣ менозӣ
Хушдоре агар дорӣ,
Саргашта чӣ месозӣ.

Чун мурғи шабовезам,
Гулбоғаму гулрезам.
Бо гармии оғӯшат
Чун атр даромезам.

Эй ёраки дарвозӣ,
Боз о ба ҳамовозӣ.
То чанд маро охир
Дар сӯзиву бигдозӣ.

Чашмам ба раҳат чор аст,
Аз ҳаҷри ту бемор аст.
Беҳуда маранҷон дил,
Ин дил, ки вафодор аст.

Эй ёраки дарвозӣ,
Омодаи парвозӣ.
Бо ноз ба сӯям о,
Ту розиву ман розӣ.

## ШУКРОНА

Шукронаи ту дорам,
Хатлони Тоҷикистон.
Сӯи ту саҷда орам,
Эй, ҷони Тоҷикистон!
Аз файзи нури Раҳмон
Обод гашта Хатлон,
Нерӯ гирифта ин дам
Бозуву дасти деҳқон.
Аз дидаҳо ниҳон нест,
Як кӯҳ аз намак пур.
Хони кушода дорам,
Халқе ҳама намакхӯр.
Аз хоку оби Эрон
То хоку оби Хатлон.
Бинҳуфта сад хаёле
Чун дар замири инсон.
Мон, ки туро бинозам,
Кӯлоби роздорам,
Дар синаи пурармон,
Сад гуна соз дорам.
Шукронаи ту дорам,
Кӯлоби бостонам.
Сӯи ту саҷда дорам,
Эй шаҳри достонам.

## РАҲПОӢ

Эй гули ёсумани саҳроӣ,
Ту куҷоӣ, ки сурoғам oӣ?
Ё ки чун накҳати санҷид ба дара,
Ба димоғам, ба димоғам oӣ!

Накҳати рӯи туро меҷӯям,
Зулфи ҷодуи туро меҷӯям.
Бо дили ташнаи саршори ҳавас,
Рози дилҷӯи туро меҷӯям.

То кай овоз кунӣ бар гӯшам?
То ба кай пеши ту ман хомӯшам?
Гули васли ману ту дер шукуфт,
Кай зи гул пур шавад ин оғӯшам?

Мани дилбаста ба уммеди висол,
Ба сафову рухи хуршеди висол.
Шиканам хилвати шабро ба хаёл,
Ба муроде, ки расад иди висол,

Нак биё, дар қадамат зор шудам,
Боварам кун, ки дилафгор шудам.
Кай расад соати пайванди висол,
Бе ту ман хор шудам, хор шудам.

## ЯК ТУ МЕДОНӢ…

Гавҳари ишқи ту пайдо мекунам,
Ҷони худ дар ишқ шайдо мекунам.
Он таббасумҳои ҷонбахши туро
Дар дили шӯридаам ҷо мекунам.

Ҳайфи он умре, ки бе ту бурдаам,
Сад дареғи ғам, ки бе ту хӯрдаам.
Як ту медонӣ дили садпораам,
Як ту медонӣ дили озурдаам.

Эй ту кабки дар қафас хомӯши ман,
Бурдаӣ валлоҳ ту ақлу ҳуши ман.
Заҳр бодо бе ту айшу нӯши ман,
Як нигоҳат пур кунад оғӯши ман.

Чашмаи саршори илҳоми манӣ,
Бодаи мардафкани ҷоми манӣ.
Себаки ширинаку хоми манӣ,
Аввалу охир, саранҷоми манӣ.

Дар хаёли ишқи ту дунё шудам.
Навшиновар моҳии дарё шудам.
Гунг будам, аз дигар гӯё шудам,
Мурда будам ман, зи нав эҳё шудам.

Як сари мӯе пушаймон нестам,
Ман ба «бисмиллоҳи Раҳмон» хестам.
Бо дили дардошнои содаам,
Гоҳу ногаҳ дар ғамат бигристам.

Эй Худойи ломакони рӯҳу ҷон,
Ишқи покам то муроди дил расон.
Дур соз аз ман ҳама нокомиям,
Як мурувват кун ба ин ҷони ҷавон.

## АЗ КУҶО ЁБАМ...

Бо умеде ханда кардам,
То ки хандонам туро,
Пеши дардат гиря кардам,
То зи ғам ронам туро.

Бо дили гарми пизишкӣ,
Дарди ту дар худ гирифтам.
Дарди ишқат оташе буд,
Ман зи сӯзаш даргирифтам.

Аз куҷо ёбам дигар ман?
Ин табассумҳои ширин.
Аз кадомин лона ёбам,
Мурғи бахту шоми рангин?..

## СИДҚ

Борҳо ваъда бидодам, ки суроғат накунам,
Ишқи дерина маро боз ба ёди ту супурд.
Бевафоии ту бисёр бидидам ҳарчанд,
Пӯзишу авфи гунаҳ боз ба даргоҳи ту бурд.

Борҳо ваъда бидодам, ки суроғат накунам,
Чашми ҷодуи туам лек ҷудоӣ нагузошт.
Қалби бишкастаи ту қалби маро низ шикаст,
Дили садпораи ман пой ба ҷое нагузошт.

Борҳо ваъда бидодам, ки суроғат накунам,
Аз барат дур равам, беҳуда доғат накунам.
Ба биёбон биравам, майл ба боғат накунам,
Дигар аз боғи ҷамоли ту фароғат накунам.

Боз пурсидиву зангам задиву об шудам,
Боз ман чашми назар бар гули маҳтоб шудам.
Бирабудам зи хаёлам ҳама бераҳмии ту,
Боз мафтуни ҳамон гавҳари шабтоб шудам.

## ШЕЪРИ РАВОН

*Ба дӯсти базмороям*
*Ортиқи Қодир*

Эй ровии сухансанҷ,
Шеъри тари равонӣ,
Бар гӯши гӯшдорон
Аз дил хабар расонӣ,

Суфтӣ ту дурри маънӣ
Бо қалби пурҳарорат,
Аз файзи ҳарфу маънӣ
Гардида ҷумла ёрат.

Чун шамъи дил фурӯзӣ
Дар дидаҳои мардум,
Баҳри ҳама азизӣ
Монанди нони гандум.

Шеъре, ки гуфта бошад
Бо сӯзу дард шоир,
Он шеър аз ту ёбад
Парвози дигар охир.

Ҳастӣ ту шамъи маҷлис,
Ҳастӣ ту маҳфилоро,
Рӯшан бидор, эй дӯст,
Як умр базми моро.

## БЕНАЗИР

Назира, эй Назира, эй Назира,
Қашангии туро ҳич кас надора.
Лиқоят нур дорад, нури Эзид,
Гулафшон мекунӣ ту ин баҳора.

Назира, эй Назира, эй Назира,
Ту девона кунӣ марди ҳақира.
Назира, беназирӣ ҳамчу ёқут,
Назират нест дар рӯйи саёра.

Назира, эй Назира, эй Назира,
Азизат кас надора, дил надора.
Ҷилобахшӣ ҳамеша чун ситора,
Ба ишқат мубтало гаштам, чӣ чора?

Назира, эй Назира, эй Назира,
Илоҳо бахт дастатро бигира.
Барад кӯйи муроду сӯйи хуршед,
Бимон Хуршед дар ишқи ту мира.

Назира, эй Назира, эй Назира,
Ту боре хӯрдаӣ болои шира?
Касе хӯрду нахӯрдаш, кай бидонам!?
Надидам мисли ту ширин панира.

## САД ДАРЕҒИ ЗИНДАГОНӢ

Зан агар бисёр шаф-шаф кард,
Ҳамчу саг бисёр ҳаф-ҳаф кард,
Мардро бисёр рав-рав кард,
Куртаро бисёр нав-нав кард,
Дар сарат бисёр ғав-ғав кард.

Сад дареғи зиндагонӣ,
Сабр кун то зинда монӣ.

Зан агар бисёр ғир-ғир кард,
Ҳамчу мурғи чӯҷа чир-чир кард,
Қоҳ-қоҳ хандиду қир-қир кард,
Ҳар гаҳ ӯ беҳуда ҷир-ҷир кард.

Сад дареғ аз умри фонӣ,
Шукр гӯ, то зинда монӣ.

Гар ба ҷайбаш пайсае пур шуд,
Дон, ки ӯ аз хеш дилпур шуд.
Аз ҳудуди хонаат шуд дур,
Чашмакаш бар диданат шуд кӯр.

Ҳайфи умри навҷавонӣ,
Сад дареғи зиндагонӣ.

## ОРЗУИ ДУХТАРЧААМ САРВИНОЗ

Бароямон меҳрубон,
Болои сар соябон,
Чун офтоб зарафшон,
Дадаҷону очаҷон.
Ваъда медиҳам афзун
Ба акаам Нурафзун.
Ман ҳам аълохон шавам,
Азизи даврон шавам.
«Бӯстон»-и Саъдӣ хонам,
Ҳадиси баъдӣ хонам.
Дӯстро доно гирам,
Панди Мавлоно гирам.
Ақли тавоно гирам,
Дониши аъло гирам.
Аз каҷравон гурезам,
Аз ноҳалон гурезам.
Панди падар бишнавам,
Шому саҳар бишнавам.
Дастёри модар шавам
Дӯстдори модар шавам.
Чун акаҷони азиз,
Ман ҳам шавам дилпазир.
Амрико хондан равам,
Илм омӯхтан равам.

## БАҲОР

Дар пуштаву дар ёла
Бишкуфт гули лола,
Ман лек чу ҳарсола
Бар ишқи туям вола.

Бе рӯшании рӯят
Дунёи дилам торик.
Дурам зи барат умре,
Аммо ба ғамат наздик.

Сад оҳ маро бар лаб,
Сад роз маро дар дил,
Бе рӯи ҷаҳон осон,
Бе рӯи туям мушкил.

Аз тобу таби ишқат
Таб дораму таб дорам,
Ман бахти туро умре,
Аз даҳр талаб дорам.

Дар пуштаву дар ёла
Бишкуфт гули лола,
Ман лек чу ҳарсола,
Бар ишқи туям вола…

## ОШИҚӢ

Ошиқӣ пирӣ надорад,
Ошиқӣ серӣ надорад,
Ҷои ночорӣ кушода,
Хорию зорӣ кушода,
Ҷӯру ноҷӯрист бо вай
Дуру нодурист бо вай,
Умре озод асту банд аст,
Ҷои маҷбурӣ надорад.

Кӯҳ дорад, низ ҷар ҳам,
Кишт дорад, кишта ҳамдам,
Дафтари нанвишта ҳамдам.
Нур дорад, ҳур дорад,
Қисмати ноҷӯр дорад.
Элчаи занбӯр дорад,
Шираи ангур дорад.
Ошиқӣ дерӣ надорад,
Ҳеҷ кас серӣ надорад.

## САОДАТИ ДИЛИ МАНӢ

Ту давлати дили манӣ,
Ту қуввати дили манӣ,
Тавонгари дили манӣ,
Саодати дили манӣ.

Биё ба улфати дилам,
Даме ба ишрати дилам.
Дубора сабри дил намонд,
Биё ба хилвати дилам,
Биё ба иззати дилам.

Биё, дари дилам кушо,
Сари пари дилам кушо,
Гули фари дилам шукуфт,
Кабӯтари дилам кушо.

Биё, ки дер мешавад,
Ва завқ пир мешавад,
Нигоҳ сер мешавад.

## НАВРӮЗИ МО ФИРӮЗ ШУД

Наврӯз омад, шод бош,
Мову ту бо ҳам мешавем.
Дар чорсӯи зиндагӣ,
Дилшоду беғам меравем.

Ҳарду ғазалхон мешавем,
Меҳмони ҳар хон мешавем.
Дамсози инсон мешавем,
Ҳам ҷону ҷонон мешавем.

Шаб рӯз шуд, шаб рӯз шуд,
Наврӯзи мо фирӯз шуд.
Паҳнои оламро гирифт,
Олам чароғафрӯз шуд.

Эй кош, ҳар ҷо бедилест,
Бо аҳли дил ҳамдил шавад.
Дилдодаи кавну макон,
Бо хушдиле моил шавад.

Ҳар ҷо ки ҷуфти меҳр шуд,
Хандон ба сони чеҳр шуд.
Ҳар ҷо диле бо бедиле
Пайваст, доми сеҳр шуд.

Мафтуни ҳамдигар шавем,
Мадҳуш бе соғар шавем.
Дар гулхани наврӯзи дил,
Пурнур чун ахтар шавем.

Наврӯз омад, шод бош,
Мову ту бо ҳам мешавем.
Дар чорсӯи зиндагӣ,
Дилшоду беғам меравем.

## БӮИ БАҲОР МЕРАСАД

Аз лаззати тути Дара,
Аз пуштаҳои Исфара,
Аз даштҳои Данғара,
Аз обшори шаршара,

Бӯи баҳор мерасад,
Нози нигор мерасад.
Накҳати атри навбаҳор,
Аз гули хор мерасад.

Аз хандаҳои Майсара,
Аз ишваҳои Гулсара,
Аз рез-рези чашмасор,
Аз сабзии ҳар манзара,

Бӯи баҳор мерасад,
Нози нигор мерасад.
Накҳати атри навбаҳор,
Аз гули хор мерасад.

Аз ноз-нози духтарон,
Аз атри гулбези занон,
Аз мавҷҳои гесӯвон,
Аз ҷилваҳои ахтарон,

Бӯи баҳор мерасад,
Нози нигор мерасад.
Накҳати атри навбаҳор,
Аз гули хор мерасад.

Аз хандаҳои дилбарон,
Аз нилии оби равон,
Аз ҳар нигоҳи ошиқон,
Аз сози ҷуфти кафтарон,

Бӯи баҳор мерасад,
Нози нигор мерасад.
Накҳати атри навбаҳор,
Аз гули хор мерасад.

## НАВРӮЗӢ

Наврӯз гулгардон шуда,
Наврӯзи хотирмон шуда,
Меҳмоннавози хон шуда,
Дар ҷони ҷонам ҷон шуда,

Хуш омадӣ, Наврӯзи ман,
Наврӯз кун ҳар рӯзи ман.

Айёми гуфтанҳо расид,
Фасли шукуфтанҳо расид.
Сардӣ ба гармӣ раҳ кушод,
Вақти гули занҳо расид.

Шаҳдухтари Наврӯзи мо,
Хандон ба гулханҷо расид.
Аз хирмани Наврӯзи дил,
Аз моҳи дай танҳо расид.

Дар пуштаву дар ёлаҳо,
Сурхӣ дамад аз лолаҳо.
Мафтуни ҳамдигар шаванд
Қинғолаҳо, қинғолаҳо.

Наврӯзи имсолам накӯст,
Чун сабзаю гул дар нумӯст.
Бо домани гулдӯзияш
Дар асл чун афсона ӯст.

Хуш омадӣ Наврӯзи ман,
Наврӯз кун ҳар рӯзи ман.

## ШАСТ

Ин шаст, ки бовараш надорам, омад!
То хонаи бахти рӯзгорам омад!
Дар дасти Худост боқии ҳар нафасам,
Дар шохаи умр баргу борам омад!

Ин шаст, ки дар вуҷуди ман бор овард,
Дар хонаи пириам мададгор овард.
Ку роҳи гурезу ку ҷавонии Зиё?
Ин талхии умр бас шакарвор овард!

Эй шаст, ки чанд интизорат будам,
Чун мастии бода бар хуморат будам!
Ту дар бадали ҷавониям омадаӣ,
Дарёб, Зиёи дилфигорат будам!

Эй шаст, ба шаст чун саманд омадаӣ,
Дар соли саманд дилписанд омадаӣ.
Эй соли накӯву соли дилшодии ман,
Бар доғи дилам чу шаҳди қанд омадаӣ.

## ДУШАНБЕ – ШАҲРИ ОРЗУ
*(Суруд)*

Душанбе – бахту тахти ман, нумӯи ман.
Душанбе – обрӯи ман,
Душанбе,
Душанбе – рангубӯи ту,
Орзуи ман
Орзуи ман.

Душанбе, ифтихори мо туӣ
Нишоти мо, барори мо туӣ.
Ту ҳастӣ ҷисму рӯҳу ҷони мо,
Чу набзи беқарори мо туӣ.

Душанбе – бахту тахти ман, нумӯи ман.
Душанбе – обрӯи ман,
Душанбе,
Душанбе – рангубӯи ту,
Орзуи ман
Орзуи ман.

Сафои меҳру манбаи сухан туӣ,
Ғуруру фахри завқи мову ман туӣ.
Макони ҳарфу ишқу илму фан туӣ,
Ба созгори бахти ин Ватан туӣ.

Душанбе – бахту тахти ман, нумӯи ман.
Душанбе – обрӯи ман,
Душанбе,
Душанбе – рангубӯи ту,
Орзуи ман
Орзуи ман.

Бар ҳар кучо, ки меравам ба бӯи ту,
Нигоҳи меҳри ман ҳама ба сӯи ту.
Чу қиблагоҳи ман ҳама ҷамоли туст,
Ҷаҳони ман накӯ бувад зи рӯи ту.

Душанбе – бахту тахти ман, нумӯи ман.
Душанбе – обрӯи ман,
Душанбе,
Душанбе – рангубӯи ту,
Орзуи ман
Орзуи ман.

## БА ХОТИРИ МОДАРИ ЗИНДАЁДАМ

Бе ту шуд торику тира,
Кулбаи вайронаи ман.
Бе ту бошад кунҷи зулмот,
Ҳафт бурҷи хонаи ман.

## БАРОИ ҶИГАРГӮШААМ КОМИЛҶОН

Зодрӯзат, ки дар ин фасли гулу борон аст,
Файз резад ба сарат шому саҳар фазли Худо.
Эй ҷигаргӯшаи дил, нусхаи аслии падар,
Ду кафи дасти ман умрест ба сӯят ба дуо.

## ХОҲАМ, КИ ПИРӮЗ ОЙ

Хоҳам ки шод бошӣ,
Боли мурод бошӣ.
Дар чорсӯи умрат,
Боэътимод бошӣ.

Хоҳам шавӣ ту хушбахт,
Ёбӣ ҷалол аз тахт.
Дар ин тарози умрат,
Ёбӣ камол аз тахт.

Дасти сахо кушоям,
Роҳи вафо кушоям.
Нуру сафои дилро
Баҳри дуо кушоям.

Хоҳам, шавӣ ту пирӯз,
Бар ҷумла халқ дилсӯз.
Дар чор фасли умрат,
Хандон шавӣ чу Наврӯз.

Дар ин баҳори зебо,
Дар зодрӯзи гулҳо,
Бахтат чу гул бихандад,
Чун аз паёми дилҳо.

## ШОИРАМ

Шоирам ман,
Шеъри ман пайғом бар имрӯзу фардои ман аст.
Шеъри ман дармони дарди кӯҳнапайдои ман аст.
Шеъри ман дард асту сӯз асту муҳаббат,
Ҳам суруди бахти миллат.
Шоирам ман,
Дар дилам фарёди чандинсола дорам.
Сина моломоли армон аз муҳаббат вола дорам,
Дар ҳавои думраи бобоиям сад нола дорам.
Дарди ман аз дарди миллат дур нест,
Шеъри ман дармонгари дарди ман аст,
Аз вафои дил раҳоварди ман аст.
Шоирам ман,
Шеър гар, ки ҷовидонист аз чӣ ӯ қимат надорад,
Дар замини шеърхезаш, шоираш иззат надорад.
Шеър гар ки ҷовидонист пас чаро ӯ бе кас аст,
Додрас, ки ӯ надорад, қадри ӯ ҳамчун хас аст.
Шеър гарчи моли савдо нест, бозораш хароб аст.
Шоири печидафарёдаш ҳамеша дар азоб аст.
Синаи пурҳасрати ӯ пур зи доғ асту кабоб аст.
Шоирам ман,
Бархе аз маснаднишину аҳли ҷоҳ,
Қисмате аз илму ирфон бехабар
Қадри шоирро ба арзон мехаранд.

Қисмате аз илму дониш бехабар
Куртаи фарзанди ирфон медаранд.
Чунки шоир ҳақталош андарзамир
Дар ҷаҳони ташнамир.
Шоирам ман,
Барги шеъри ман ҳаме сабз аст мисли навбаҳор,
Меваи шеърам барои чошнӣ дар даст нест.
Шеъри ман бӯи садоқат мекунад,
Ошиқони хастадилро ӯ табобат мекунад.
Дардманди ишқро гоҳе шафоат мекунад.
Шеъри ман бӯи вафову ишқ дорад.
Чошнӣ гиред аз он.
Ишқи шеъри ман асил аст,
Оҳу фарёди дил аст.

## САДОИ ОҲАНГИ МАНӢ

Эй мулки Хутал, диёри шоирхезам,
Дар ҳар қадами роҳи ту дил мерезам.
Савганд ба номи покат, эй кӯҳи намак,
Бо ёди ту аз хоби саҳар мехезам.

Кӯлоби куҳан марди сазовори туям,
Дар роҳи вафо ба нангу бо ори туям,
Гар нохалафе ба сӯи ту санг занад,
Ман сина сипар карда тарафдори туям.

Кӯлоби куҳан ори ману нанги манӣ.
Дар олами дил диёри хушрангу манӣ.
Ту мулки сахову хайру шеъру суханӣ,
Ту савти хушу садои оҳанги манӣ.

Номи туву шуҳрати ту дар ёди ман аст.
Аз хуни ту дар замирам эҷоди ман аст.
Аз наклу ривояти падар медонам,
Ин мулки куҳан шукӯҳи авлоди ман аст.

Ҳар хори Ватан ба ёди ту гул карда,
Саҳрову чаман чаҳ-чаҳи булбул карда,
Хуш модари он маҳал, ки зояд шоир,
Бо дасти ҳавас ҳазор «дил-дил» карда.

## ИМТИҲОНИ НАНГУ ОР

Роғун, Роғун, ту нангу ори Ватанӣ,
Ободии мулки нурполои манӣ.
Ғамхори туянд пиру барнои Ватан,
Уммеди дурахшони ҳама марду занӣ.

Роғун, Роғун, ҷилои чашмони манӣ,
Нури диливу зиёи дашту даманӣ.
Зарпош шавӣ илоҳӣ бар рағми адӯ,
Равшангари қалби пок дар ҷону танӣ.

Роғун,Роғун, нанги ману ори манӣ,
Дар чашм чу нуру ҳам чу ҷон дар баданӣ.
Сарманшаи иттиҳодиву ваҳдати халқ,
Сарчашмаи нангу ори соҳибватанӣ.

Роғун, Роғун, саҳмгузори ту манам,
Ман роғияму хешу табори ту манам.
Бо нармдилӣ бигӯй бар ҳар сангат:
Ҳамсангу санохони баори ту манам.

Фардои Ватанро ту накӯ аврангӣ,
Бас арсаи тоҷикони бофарҳангӣ.
Кас нест, ки бетараф нишинад имрӯз,
Роғун, Роғун, ту имтиҳони нангӣ!

*соли 2011*

## СОЛИ ҶАЛОЛИ НУР

Биё, Соли Наҳанг, эй соли нуру офтоби нанг,
Биё, бо дасти худ бинвис бар пешонии ҳар санг:
Ки имсоли накӯ чун соли ору нанги миллат буд,
Ба рӯи қуллаи номуси дил фарҳанги миллат буд.

Биё, Соли Наҳанг, эй соли неки хештансозам,
Биё бо соз, то бар даргаҳи фархундаат нозам.
Биё, бо панҷаи пурзӯри худ, эй муждаи номус,
Ки ман ҳам бо ғурури хештан дар ҳукми шаҳбозам.

Биё, сарҷамъии миллат, чу замбӯри асал бинем,
Нумӯи мулкро ҳамчун ба айёми ҳамал бинем.
Биё, эй Соли Нав, эй соли нури поки Раҳмонӣ.
Биё, то иттиҳоди тоҷиконро дар амал бинем!

*декабри с. 2011*

## РОДМАРДИ МЕҲАН

*Эҳдо ба устод Нодир Одилов*

Мислаш надидам нодире,
Дар сабр чун ӯ собире.
Чун ӯ кабиру беназир,
Мислаш надидам қодире.
Мислаш надидам зоире,
Ҳаҷкардаеву моҳире.

Сеҳри сухан шевои ӯст,
Нуқли сухан ҳалвои ӯст.
Қадри сухан даъвои ӯст ,
Пайдову нопайдои ӯст.
Аҳли сухан шайдои ӯ.
Дилдодаи савдои ӯ.

Чун ӯ надидам одиле,
Бал ёри одилтар аз ӯ.
Мислаш надидам фозиле,
Дар фазл фозилтар аз ӯ.
Чун ӯ надидам оқиле,
Дар ақл оқилтар аз ӯ.

Чун ӯ надидам муқбиле,
Дар илм ноилтар аз ӯ.
Ӯ ҳамдами соҳибдил аст,
Ӯ ошиқ асту бедил аст.
Чун ӯ маҷӯ дар ҳеҷ бурҷ,
Ӯ бал равон андар тан аст.

Ӯ махзани илму фан аст,
Дар маърифат як гулшан аст.
Дар гӯшаи меҳроби дил,
Як чилчароғи равшан аст.
Дар қуллаи кӯҳи хирад,
Аз сӯзи дил як гулхан аст.
Ӯ родмарди Меҳан аст.

## БАРОИ ТОҶИКИСТОН

Барои хотири ҷамъи азизон,
Барои пешрафти Суғду Хатлон,
Барои рушди Раштону Бадахшон,
Барои водии Вахшу Зарафшон,
Барои иттиҳоди Тоҷикистон.
Ҳама дасте ба даст оему дилҳоро ба ҳам созем,
Аз ин хоки биҳиштосову мардони Ватан нозем.
Ҳама дар ҷумлагӣ шукронагӯи ин Ватан бошем,
Агар баҳри дифояш лозим ояд ҷону тан бозем.
Ҳама фарёдрас бошему дар ободиаш мо низ,
Ҳама баҳри дифои ин Ватан дар ҳукми сарбозем.
Биё. эй ҳамватан мо зӯру бозӯи Ватан бошем,
Биё, олам шунав моро, ки мо ҳам мушти шаҳбозем.
Биё, дар оташи ишқи Ватан якҷоя месӯзем,
Биё, ҳарду ҷаҳон донад, ки анбозем.
Барои ҳамдилӣ ҷӯстан нашояд гирди гардун гашт,
Фақат як дилнавозӣ бас, ки боз орад ҳамовозӣ.

## ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ ҳамболи уммед,
Зиндагӣ чун нури хуршед.
Зиндагӣ ҳамсони тавҳид,
Зигдагӣ тор асту испед.

Зиндагӣ аҳд асту паймон,
Зидагӣ бод асту борон.
Зиндагӣ саҳл асту осон,
Зиндагӣ худ мушти армон.
Зиндагӣ ин чист? Ё худ кист он?

Ин панаҳ бурдан ба кунҷи хонае?
Ё ки саргардон чу як оворае?
Ё ба ҳукми хор ё ки донае?
Ё ба кунҷи ҷайби холӣ шонае?
Ё ки хору зор чун вайронае?
Аз даҳон то бар забон афсонае?
Ё ки дар парвоз чун парвонае
Ё ки дар ишқи касе девонае?
Ё ки умре марҳами кошонае?
Ё ба чашми ошиқе бегонае?
Ё ба зери ин суолу ё киҳо афтодае.

Зиндагӣ дар зери чарху амри Яздон аст?
Ё ки ҳукми дигар асту зери фармон аст?
Ё ба зери бори тақдирсози инсон аст?
Ё ки зери ҷодуӣ дар хок пинҳон аст.
Ё ки сирри махфию асрори Кайҳон аст?
Ман надонистам, ки ӯ ширинтар аз ҷон аст?
Шояд ӯ ҷон асту имон, ё ки армон аст?..

## САЙДИ ШИКОРИ МАН ТУӢ

Сайди шикори ман туӣ,
Шоҳсавори ман туӣ.
Оҳуи хушхироми ман,
Тозабаҳори ман туӣ.

Бе ту куҷост навбаҳор,
Бе ту куҷост набзи кор.
Маънии зиндагӣ туӣ,
Бе ту тиҳист лолазор.

Бе ту на бар чаман равам!
Бе ту на дар даман равам!
Ёри ҷунуни Лайлӣ чист?
Бо ту чу Кӯҳкан равам!

Бо ту хуш аст оҳи ман!
Чашми ману нигоҳи ман!
Бо ту накӯст зиндагӣ
Бахту давоми роҳи ман!

## ВАТАН

Чашми дили ман сӯи ту,
Хунам равон дар ҷӯи ту,
Дар мағзи ҷонам бӯи ту,
Олам ғуломи кӯи ту.
Дилдодаву дилҷӯи ту.

Арзи вуҷуди ман, Ватан,
Буду набуди ман, Ватан,
Ҷои суҷуди ман, Ватан,
Ҳар тору пуди ман, Ватан.

Бар хоки кӯят бандаам,
Чун қуллаат поядаам.
Чун ахтари тобандаам,
Ҳамчун садаф рахшандаам,
Ман бо туям, то зиндаам.

Арзи вуҷуди ман, Ватан,
Буду набуди ман, Ватан,
Ҷои суҷуди ман, Ватан,
Ҳар тору пуди ман, Ватан.

Ҳар қатра обат гавҳарам,
Ҳар саҷдагоҳат доварам.
Ҳар гарди роҳат ҷавҳарам,
Ман дар замири меҳри худ
Танҳо туро мепарварам.

Арзи вуҷуди ман, Ватан,
Буду набуди ман, Ватан,
Ҷои суҷуди ман, Ватан,
Ҳар тору пуди ман, Ватан.

## АРМОНИ ДИЛАМ

Гули бишкуфтаи армони дилам,
Сарви хушрӯи гулистони дилам.
Ҳама дам дар сари паймони дилам
Бе ту хорам, ки чӣ пазмони дилам.

Ишқи ту доруву дармони ман аст,
Байти ҳар шеъри ману ҷони ман аст.
Олами ҳасрати пинҳони ман аст.
Нигаҳат тир ба пайкони ман аст.

Ту биё, базми нав обод кунам,
Кабки дил аз қафас озод кунам.
Дили шӯридаи худ шод кунам,
Хирмани гул ба сарат бод кунам.

Ту биё, эй гули бӯидаи ман,
Гули парвардаву рӯидаи ман.
Эй, Худо бар мани шӯрида расон,
Ёри деринаи ранҷидаи ман.

## ЭЙ ЁР, СУРОҒАМ КУН

Имшаб зи канори дил,
Эй ёр, кучо рафтӣ,
Ранҷи дили ман кам буд,
Монанди сабо рафтӣ.

Имрӯз, ки дилгирам,
Дар ҳалқаи занҷирам.
Рӯзе, зи барам рафтӣ,
Ранҷидаи тақдирам.

Эй ёр, куҷо рафтӣ,
Бе ҳарфу ҳиҷо рафтӣ.
Аз дидаи раҳпоям,
Чун нури зиё рафтӣ.

Ту рафтию ман рафтам
Бар гӯшаи танҳоӣ.
Ту рафтию ман мондам
Эй кош, ту боз оӣ.

Ман ташнаи дидорам,
Аз ҳаҷри ту беморам.
Як сина пур аз армон,
Як сина шарар дорам.

Он накҳати боғам рафт,
Хушбӯи димоғам нест.
Он нури чароғам рафт,
Ҷуз ҳасрату доғам нест.

Эй дар дили ман бошӣ,
Обу гили ман бошӣ.
Ту байти дилоройӣ,
Дар маҳфили ман бошӣ.

Эй ёр, суроғам кун,
Ду дида ба боғам кун.
Дар ишқи шарарборат,
Доғам куну доғам кун.

# РЕЗАҲО

## РАҚСИ ГУЛНИГОР

Барф мерезад чу рангоранги гулбези баҳор,
Барф мерақсад, чу мерақсад ба рақсаш Гулнигор.
Чархи барфу чархи рақси Гулнигори барфрӯ,
Ҳарду пайки рӯзгорон медиҳад бар гӯши ёр.

## БАРФ ВА ҲАРФ

Ҳарф мерезад, қаду басти қалам кам мешавад,
Барф мерезад, замину осмон нам мешавад.
Барф ҳам монанди шоир лаҳзаи илҳоми ишқ,
Барфу ҳарф ояд ба ҳам, меҳру вафо зам мешавад.

## ҶАЗБ

Мекашад оҳанрабои чашми ман
Ҳусни зебои туро бе моҷаро.
Мебарад оҳанрабои ҳусни ту
Он ҳама дороии чашми маро.

## БЕХОБӢ

Бо ту будам, бо ту мемонам мудом,
Хоби шаб аз ман гусасту барнагашт.
То саҳар дар боғи ҳуснат сайр дошт,
Чашми ман, эй себи хубонии Рашт.

## ШИКВА

Вақт моро мехӯрад, мо вақтро,
Мо ғами дил мехӯрем, ту бахтро.
Сад дареғи умр, ки дар даст нест,
Мерабояд аз ману ту нақдро.

## НОМУС

Ҳамнафасу ҳамқадами миллатам,
Мӯқаламе аз қалами миллатам.
Нанги маро ҳеҷ ту арзон магир,
Ҳеҷ нагӯ бори ғами миллатам.

## УМР

Умр бар хуфтану гуфтан гузарад,
Умри ту лек ба дӯхтан гузарад.
Умри ман бо қаламу дафтари ғам,
Ба гумонам, ки ба сӯхтан гузарад.

## АТРИ ҶАМОЛ

Шом биафрӯз, ки шомам расид,
Чак-чаки борон ба бомам расид.
Шом барафрӯз, ту эй моҳи ман,
Атри ҷамолат ба машомам расид.

## БИЁ

Ту биё, базми нав обод кунем,
Кабки дил аз қафас озод кунем.

Дили шӯридаи худ шод кунем.
Хирмани гул ба сарат бод кунем.

## БА ҶУЁЙ ҲАМДИЛ

Ҳамдиле ҷӯё машав дар зиндагӣ,
Ҳамдили ту дар дили ҳақгӯи туст.
Ҳамдилиро бо Худоят ҷӯр кун,
Ҳамдилӣ ҷӯё бишав дар кӯи дӯст.

## БИЁ БИНШИН

Шарори бӯсаҳои оташинат,
Садои дилнавозу дилнишинат,
Нигоҳи гарму атри ёсаминат,
Гули армон бичинам аз ҷабинат.

Биё, биншин ба рӯи дидагонам,
Ки тоби тоқати дурӣ надорам...

## НӮШБОД

Ба ин дилдодагони водии ишқу муҳаббат
бахт мехоҳам,
Ба ин ҷуфти сазовори ҳама лутфу садоқат
тахт мехоҳам.
Ва мехоҳам, ки ҳарду посдору дӯстдори
ҳамдигар бошанд
Ва умре дар нишоти зиндагонӣ ифтихори
ҳамдигар бошанд.

## ПОРАҲО

Гули умед хазон шуд ба ғами танҳоӣ.
Гули армон нашукуфт аз алами раҳпоӣ.

❀ ❀ ❀

Доғи ҳиҷрони ту саргаштаву дилгирам кард,
Даступо баставу сарбастаи занҷирам кард.

❀ ❀ ❀

Аз сафар боз биё, ёраки ранҷидаи ман.
Боз бар гӯш расон ҳарфаки нашнидаи ман,

❀ ❀ ❀

Чашми ман нози туро, рози туро мепӯяд.
Хандаи лаъли лабу сози туро меҷӯяд.

## РУБОИҲО

Ҳар рӯз ҳадиси ноз мебояд гуфт,
Аз ишқ ба сад гудоз мебояд гуфт.
Аз ҳарчӣ ба сози роз мебояд гуфт,
Пайваста бад-ин ниёз мебояд гуфт.

❀ ❀ ❀

Ин абри сияҳ сояи андуҳи ман аст,
Ҳар лолаи пушта сурхии рӯйи ман аст.
Сарсабзии тепаҳои ин тозабаҳор,
Дар авҷ ба мисли тори абрӯи ман аст.

❀ ❀ ❀

Барф омаду тирамаҳ хабардор накард,
Чун барг хазон шудему ҳушдор накард.
Як бор нагуфт: – биё ба дармони дилам,
Дар пеши табиб шиква чу бемор накард.

❀ ❀ ❀

Дар пушти тирезаам баҳор истода,
Гӯё, ки лиқои худ ба ман бикшода.
Чандест, ки роҳи омадаш мепоям,
Чун давраи наврасии пушти пода.

❀ ❀ ❀

Дар пуштаи ғам барфи дилам об нашуд,
Ин бодаи ғам дигар майи ноб нашуд.
Садҳо шабу рӯзу маҳ ба ҳам бигзаштанд,
Ин сурати бахт берун аз қоб нашуд.

❀ ❀ ❀

Боз о, ки ба мулки шеър Наврӯз ояд,
Борони ғазал ҳар даму ҳар рӯз ояд.
Илҳом чу ман ба мисли борони баҳор,
Бо ҷомаи сабзи меҳр дилсӯз ояд.

❀ ❀ ❀

Наврӯз, биё, ки хандаҳо гул карда,
Овози ҳама парандаҳо гул карда.
Наврӯз, биё чу дар лаби ташнаи ман,
Паймонаи шоҳу бандаҳо гул карда.

❀ ❀ ❀

Ҳар гаҳ ки нигаҳ ба ёди ту банд шавад,
Ду чашми сарам ба ғусса побанд шавад.
Дар сози дилам гиреҳ занад шодиву ғам,
Дар сина ҳама валвала даҳчанд шавад.

❀ ❀ ❀

Ҳамқибла, ҳамоинию ҳамдини манӣ,
Дар бурҷи ситораҳо ту парвини манӣ.
Ҳар субҳи умеду шоми рангини манӣ,
Парвонаи шабчароғи шаббини манӣ

❀ ❀ ❀

Эй очаи ҷон, очаи ҷон, очаи ҷон,
Як лаҳзаи зиндагӣ надидӣ осон.
На роҳати ман дидиву на роҳати ҷон,
Бо кулфату ғам биёфт умрат поён.

❀ ❀ ❀

Ганҷина ба рақс о, ки дилам шод шавад,
Як гӯшаи марзаи дил обод шод шавад.
Ту чарх бизан ба мисли парвонаи шамъ,
То ки ғами дил аз қафас озод шавад.

❀ ❀ ❀

Хоҳам, ки ту гул бошию ман гулпаракат,
Хоҳам, ки ту дил бошию ман дилбаракат.
Хоҳам, ки ҳамеша шод бо ҳам бошем,
Ту дар дили ман бошию ман дар баракат.

❀ ❀ ❀

Лабташнаи ту ҳастаму ҳастам доим,
Чун ошиқи масти масти мастам доим.
Ман ҳарфи ҷафописанд гӯям? Не, не
Ман ҳарфи вафоро мепарастам доим.

❀ ❀ ❀

Дар мазҳаби ишқ аҳду паймон дорам,
Чил сура ман аз китоби «Қуръон» дорам.
Дар синаи пурҳарорати сӯзонам,
Сад фотиҳае ба тоати ҷон дорам.

❀ ❀ ❀

Гӯӣ: – Ба забонам ҳарчи ояд гӯям,
Партоб макун ҳарфи хаторо сӯям.
Ҳар гаҳ зи хиёнате ту лаб бикшоӣ,
Ман нақши нишот аз дилам мешӯям.

❀ ❀ ❀

Ин ҳарфу ҳиҷои шеъри ман ҷони ман аст,
Шорида чу обшори дашту даман аст.
Ҳар вожа, ки аз нӯги қалам мерезам,
Сар то қадамаш ҳама барои Ватан аст.

❀ ❀ ❀

То сӯи ту шуд рӯи суҷудам, Ватанам,
Аз ишқи ту шуд ҳама вуҷудам, Ватанам.
Бе ту мани зор будам аз ҷон безор,
Инро мани зор озмудам, Ватанам.

❀ ❀ ❀

Хар ҷо ки равам, ба ёди ту зинда манам,
Дар роҳи вафо бидон, ки поянда манам.
Гӯянд, ки меваҳои ҳиҷрон талх аст,
Дар хоки ҷудой ҳам ба ту банда манам.

❀ ❀ ❀

Ёрон ба куҷое, ки парешон гарданд,
Аз хоки Ватан ҳамеша пурсон гарданд.
Бо ёди Ватан тапида ҳар шому саҳар,
Бо номи Ватан азизи даврон гарданд.

❀ ❀ ❀

Аз хонаи мо то ба шумо дур набуд,
Ё сози дилат ба коми мо ҷӯр набуд?
Рӯбоҳи сияҳ убур кард аз раҳи мо,
Ё субҳи сафои бахти ман зӯр набуд?

❀ ❀ ❀

Дар хирмани гул акси туро мебинам,
Аз ҳусни мубораки ту гул мечинам.
Аз накҳати гулбоғи рухат маст шудам,
Эй ахтари дил, биё, ки ман парвинам.

❀ ❀ ❀

Бархезу биё, ки ин баҳор даргузар аст,
Ҳангомаи ишқи мову ту гулбасар аст.
Бархезу биё, ки сӯҳбати ин фурсат,
Воло зи ҳазор гавҳару симу зар аст.

❀ ❀ ❀

Эй ишқ, маро равон чу дарё кардӣ,
Аз соҳили рӯд сӯи маҷро кардӣ.
Ман тозашиноваре ба дарё будам,
Аз дасти фалак гирифта дунё кардӣ.

❀ ❀ ❀

Эй мурғи ҳумо, бишин ту дар шонаи ман,
Обод намо даме ту кошонаи ман.
Чандест ки дар қафас дилам танг шуда,
Озод намо ин дили девонаи ман.

❀ ❀ ❀

Ҳар марди шарифе, ки варо нанг қавист,
Ё марди шуҷое, ки варо чанг қавист.
Дар ёди Ватан танида тору пудаш,
Номуси Ватан баро-ш чун санг қавист.

❀ ❀ ❀

Шеър аст ҳама давлату дороии ман.
Ин кулба бишуд макони короии ман.
Зан давлати мард гуфтаанду аммо,
Як давлати бебаҳост танҳоии ман.

❀ ❀ ❀

Ман ҷӯякаму ту қалби дарё дорӣ,
Дар кунҷи дили дилшудаам ҷо дорӣ.
Ақл аст барандаи ҳама олами мо,
Аз ман нолӣ, ту пас чи дунё дорӣ?

❀ ❀ ❀

Эй бехабар аз тамоми шӯри дунё,
Дар ишқи касе нагаштаӣ обу адо.
Дар чашми ту як пораи ях беш наям,
Ях об шавад дигар чӣ ёбӣ зи Зиё.

❀ ❀ ❀

Аз захми забони ту чӣ дармон ҷӯям,
Доруи муҳаббати ту арзон ҷӯям?
Умрест табибаму табибат нашудам,
Беҳуда дигар чӣ дарди инсон ҷӯям?

❀ ❀ ❀

Дӯзах раваму бисӯзам аз дасти гуноҳ,
Дастам бикашад барад агар сӯи само.
Ман тундару барқу боду борон гашта,
Аз сӯзи фироқи ишқ гардам пайдо.

❀ ❀ ❀

Дар зиндагиам агар савобат додам,
Дар дӯзахи ишқ гар азобат додам.
Гӯё, ки асири ишқи ман афтодӣ,
Ман ҷои асал каме шаробат додам.

❀ ❀ ❀

Аз рӯҳи ту эй падар, дуо мепурсам,
Хуршеди манӣ, аз ту зиё мепурсам.
Дармондам агар ба мушкилоте ногаҳ,
Аз даргаҳи роҳи ту раҳо мепурсам.

❁ ❁ ❁

Эй рӯҳи падар мадад намо бар фарзанд,
То ин ки гиреҳе нафитад пешаш банд.
Даргоҳи худованди манӣ, эй Раҳмон,
Рӯҳи ту ҳамеша медиҳад манро панд.

❁ ❁ ❁

Поят ки кашид, рафтӣ аз роҳи хато,
Андеша накардӣ ҳэҷ аз роҳи бало.
Аз ночорӣ ба соиле дил бастӣ,
Кам нест бидон дар ин ҷаҳон “марди гадо”.

❁ ❁ ❁

Бодому анору туту себу анҷир,
Ёбӣ ту ба боғу роғу саҳрову адир.
Аз накҳати гулҳои баҳори Тагнов,
Ту сер нагардӣ ҳамчу аз нони фатир.

❁ ❁ ❁

Хоҳони вафояму вафо ёри ман аст,
Дар сина вафо коштан ин кори ман аст.
Меҷӯӣ агар вафо варо дур маҷӯ,
Савдои вафо матои бозори ман аст.

❁ ❁ ❁

Сарномаи зиндагии одам ишқ аст,
Хушбахтии нотамоми олам ишқ аст.
Ишқ аст, ки одамӣ ба ҳам васл шавад,
Фарёдраси ҷаҳони пурғам ишқ аст.

❁ ❁ ❁

Метарсам аз он ки дидаи нам гузарем,
Дар ҳасрати якдигар сари ғам гузарем,
Эй кош Худо ба ҳам биёрад моро,
Рӯзе нашавад, ки ғофил аз ҳам гузарем.

❁ ❁ ❁

Фарзанди ту эй миллати озурдаи ман,
Гаштаст пареш дур аз хоки Ватан.
Танҳоии ман ба ҳоли ман мегиряд,
Фарёд аз ин ҷудоиву дарди куҳан.

## ДУБАЙТИҲО

Ба ту ман олами бе дард хоҳам,
Дили бе кинаву бе гард хоҳам.
Чӣ мехоҳӣ агар пурсӣ зи банда,
Раҳо аз чанги ҳар номард хоҳам.

❀ ❀ ❀

Умеди чашми раҳпоям ту бошӣ,
Ҷилои нури шабҳоям ту бошӣ.
Биё як дам тасаллои дилам бош,
Шукӯҳи субҳи фардоям ту бошӣ.

❀ ❀ ❀

Ба ҳар кас ҷуз ба ту ман дил набастам,
Ба ҷуз ту моили ҳар кас нагаштам.
Набудам булҳавас дар роҳи қисмат,
Ба роҳи пурхато ҳаргиз нарафтам.

❀ ❀ ❀

Биё, рози диламро бо ту гӯям,
Ҳама сози диламро бо ту гӯям.
Умеде нест хуштар ҷуз висолат,
Биё, нози диламро бо ту гӯям.

❀ ❀ ❀

Ту сангиндил машав ҳаргиз, азизам,
Табибам шав, ки умре ман маризам,
Ба фарёд омада ин синаи танг,
Зи дасти бедилон ман дар гурезам.

❀ ❀ ❀

Зи гул пай бурдаам танҳоии ту,
Гули зарди туву яктоии ту.
Бимон гулҳои армонат шукуфанд,
Ба сони он гули зебоии ту.

❀ ❀ ❀

Нишаста рӯ ба рӯ бо амри тақдир,
Ду ҷуфт ахтар барои ҳалли тадбир.
Сукути хилвати шабро шикаста,
Сухан мегуфт ду ишқи ҷаҳонгир.

❀ ❀ ❀

Нигаҳҳо роз гуфтанду ситоиш,
Буданд аз рӯйи эҳсон дар навозиш.
Ман аз ту дилгарону саргаронам,
Ту бо ман кай кунӣ, эй дӯст, созиш?

❀ ❀ ❀

Дили дардошно сероби ишқ аст,
Сару савдои ӯ меҳроби ишқ аст.
Худовандо, ба умраш ишқ зам кун,
Ки савту созаш аз мизроби ишқ аст.

❀ ❀ ❀

Ҳаво сарду замин сарду замон сард,
Дили дардошнои ман пур аз дард.
Намедонам чӣ сон бедард гардам,
Саропо дарди дарду сарди сардам.

❀ ❀ ❀

Дилам месӯзаду сӯзам ниҳон аст,
Замиру рози мармузам ниҳон аст.
Дилам маккориеро хуш надорад,
Зиёям, зӯри фирӯзам ниҳон аст.

❀ ❀ ❀

Гули моҳи раҷаб, ту нозанинӣ,
Гули нашкуфтаи рӯи заминӣ.
Агар васфат кунам моҳу шабу рӯз,
Маро ту оламӣ, чархи баринӣ.

❀ ❀ ❀

Гули савсан, гули ёсам туӣ, ту,
Ҳама ёқуту алмосам туӣ, ту.
Надидам дар ҷаҳон мисли ту дилбар,
Чаро ки маҳрами розам туӣ, ту.

❀ ❀ ❀

Агар оғӯши гарми ту намебуд,
Агар бӯсу канори ту намешуд.
Кӣ мехурд ин ғами танҳоиямро,
Кӣ берун менамуд аз синаам дуд?!

❀ ❀ ❀

Қади боло аҷаб дорӣ, гули ман,
Ва холе зери лаб дорӣ, гули ман.
Зи нози мижжаҳои туҳувайдост,
Ҷамоли ҷонталаб дорӣ, гули ман.

❀ ❀ ❀

Замину осмони ман туӣ, ту,
Ниҳоли гулфишони ман туӣ, ту.
Туӣ ҷон соати девори қалбам,
Замони ҷон ба ҷони ман туӣ, ту.

❀ ❀ ❀

Нигоҳат масту мадҳушам намуда,
Садоят гунгу хомӯшам намуда.
Самовӣ шуд кунун мурғи хаёлам,
Ки оғӯши ту оғӯшам намуда.

❀ ❀ ❀

Ду чашмат мисли ангури сиё буд,
Туро қанди лабон доди Худо буд.
Дигар дӯкони қаннодон чӣ ҷӯям?
Дукони дил бихоҳам, ки чиҳо буд.

❀ ❀ ❀

Биё, ки дафтари шеърам ту бошӣ,
Ҳама рози маро маҳрам ту бошӣ.
Маро афсуни ишқат шеър омӯхт,
Биё, ки мисраи меҳрам ту бошӣ.

❀ ❀ ❀

Дубайтиҳои ман чун гулчароғанд,
Дубайтиҳои ман дар кӯҳу роғанд.
Дубайтиҳои ман чун бӯса ширин,
Дубайтиҳои ман пургул чу боғанд.

❀ ❀ ❀

Маро шоир ту кардӣ, эй Маҷоиз,
Биё, ки ранги ман шуд ранги поиз.
Агар ин ҳафта ҳам пешам наоӣ,
Ба чоҳе мефитам чун марди оҷиз.

❀ ❀ ❀

Дилат бемор, ман дармон биёрам?
Табиби ишқ аз Кайҳон биёрам?
Агар доруи ӯ дармон набахшад,
Бароят ман гули армон биёрам?

❀ ❀ ❀

Ҳазорон доғи дил дар сина дорам,
Дили садпораи бекина дорам.
Ғубори хотире аз кас надорам,
Ба дил чун заррабин ойина дорам.

❀ ❀ ❀

Дилам майли шикастан дорад имрӯз,
Табибам майли бастан дорад имрӯз.
Ба ҷуз Ҳақ дилшикастанро кӣ донад?
Ба ҷуз ӯ рахт бастанро кӣ донад?

❁ ❁ ❁

Дилам чандин шикастурехтро дид,
Гули армони чандинсоларо чид.
Дурахшеро надид аз ахтари бахт,
Басо аз гардиши айём нолид.

❁ ❁ ❁

Даруни сина қалбам дар суруш аст,
Ки гӯё дар такопӯю хурӯш аст.
Ба фарёд омада ин синаи реш,
Дилам чун ошиқе бе ақлу ҳуш аст.

❁ ❁ ❁

Фалак, то кай маро ту мефиребӣ,
Ба боло кай барӣ аз ин нишебӣ?
Ба боло бар маро то ки набинам
Ҳама он ҳилаву одамфиребӣ.

❁ ❁ ❁

Ҳаво сарду ҳаво сарду ҳаво сард,
Дилам дарду нафас дарду ғамам дард,
Илоҷи дарду ғам дар дасти Яктост,
Каму бешам кунун чун донаи нард.

❁ ❁ ❁

Дилам тангу дилам тангу дилам танг,
Дилам пур гаштааст аз дудаи занг.
Дили нарме кучо ёбам, Худоё,
Ки сангиндил ҳама дар кишвари санг.

❁ ❁ ❁

Ба ҳар кас ҷуз ба ту ман дил набастам,
Ба ҷуз номи ту номи кас нагуфтам.
Набудам булҳавас дар роҳи қисмат,
Ба роҳи пурхато ҳаргиз нарафтам

❁ ❁ ❁

Дигар ман тоқати дурӣ надорам,
Биё, ки тоби ранҷурӣ надорам.
Биё, биншин ба рӯи дидагонам,
Азизам, тоқати кӯрӣ надорам.

❁ ❁ ❁

Хушо, дилгарми ман, сардӣ набинӣ,
Ба рӯи дилкашат зардӣ набинӣ.
Ба Кӯлобӣ ва ё Балху Самарқанд,
Ба дидан рӯи номарде набинӣ.

❀ ❀ ❀

Ману ту бо фалак омехта имшаб,
Чу як қолаб чу хишти рехта имшаб.
Шукӯҳи базми мо поён надорад,
Чу элак гарди ғамро бехта имшаб.

❀ ❀ ❀

Баҳор омад, гули рӯят шукуфта,
Гули печони гесӯят шукуфта.
Шукуфта ғунчаҳои меҳр дар дил,
Гуле дар ҳар сари мӯят шукуфта.

❀ ❀ ❀

Баҳор омад, биё як дам нишинем,
Зи боғи орзуҳо гул бичинем.
Лаби дарё нишаста, бо сад афсӯс,
Гузори умр дар дарё бубинем.

❀ ❀ ❀

Гузар аз боғу роғи дил бикун боз,
Хаёл аз ишқу доғи дил бикун боз.
Агар танҳоӣ, аз хуршеди танҳо,
Суроғи дил, суроғи дил бикун боз.

❀ ❀ ❀

Дилам ғавғои оламро нахоҳад,
Фироқу ранҷи одамро нахоҳад.
Дар ин олам, ки беш аз нимаш об аст,
Ба чашме ашки мотамро нахоҳад.

❀ ❀ ❀

Чу як зори туям, зӯрӣ надорам,
Зи дарди ишқи ту дӯрӣ надорам.
Биё,ҳамчун зиё бар дидагонам,
Ки тоби қисмати курӣ надорам!

❀ ❀ ❀

Яке сарвар дигар довар биҷӯяд,
Дигар марвориду гавҳар биҷӯяд.
Яке дар зери бори мансаби худ,
Ба чавкӣ шишта кару фар биҷӯяд.

## ДИЛПОРАҲО

Ба дил гуфтам чаро мемӯӣ, эй дил,
Парешонхотири ҳар сӯӣ, эй дил.
Ҳама метарсӣ аз танҳоии хеш,
Чӣ гум кардӣ? Чиро меҷӯӣ, эй дил?

❀ ❀ ❀

Чаро имрӯз аз мурдан битарсам,
Ки баъди «сакта» аз хӯрдан битарсам?
Чунон побанди эҳсоси балоям,
Куҷо аз захми озурдан битарсам.

❀ ❀ ❀

Фақат дил мебарад дилро ба ҳар сӯ,
Фақат дил донад ин асрори ҳар кӯ.
Зи дил то дил ҳазорон банду роҳ аст,
Кӣ медонад ба ҷуз дил ёри дилҷӯ.

❀ ❀ ❀

Агар дилҳо ба ҳам анбоз будӣ,
Агар дилдодаҳо дамсоз будӣ,
Ҳама олам ба дил мегашт моил,
Куҷо аз ҳаҷр дигар роз будӣ?

❁ ❁ ❁

Ба дил гуфтам, ки бар нокас чӣ сӯзӣ?
Ба сӯзи оҳи мушкилрас чӣ сӯзӣ?
Гурез аз ошнои пастфитрат,
Бинол аз ҳоли гул, бар хас чӣ сӯзӣ?

❁ ❁ ❁

Ба дил гуфтам, чаро ғам мекашӣ ту?
Чаро оҳи дамодам мекашӣ ту?
Намехоҳам шавӣ моил ба олам,
Ки умре ранҷи олам мекашӣ ту.

❁ ❁ ❁

Чӣ нолам аз ҳавои дил, ки сард аст,
Ғуборолуда аз борони дард аст,
Намехонад касе ҳарфи диламро,
Ки то донад, ки рангам аз чӣ зард аст.

❁ ❁ ❁

Ба дил гуфтам, ки ҳоло дар чӣ ҳолӣ,
Ту банди ғуссаӣ, банди хаёлӣ?
Ба ман дил гуфт: – Аз ҳолам чӣ донӣ,
Ки ман медонаму бечораволӣ.

❀ ❀ ❀

Ба дил гуфтам: чаро оворaӣ ту?
Чу санги хора пора-порaӣ ту.
Ба ман дил гуфт: – Эй девонаи ишқ,
Илоҷи дарди моро чорaӣ ту!

❀ ❀ ❀

Ба ҷуз Ҳақ ҳоли дилро кас надонад.
Ғаму омоли дилро кас надонад.
Зи дарди ишқ солу маҳ ба ҳасрат,
Ки ҳасратноли дилро кас надонад.

❀ ❀ ❀

Биё, аз дил сухан бисёр гӯем,
Ба як розаш дусад асрор ҷӯем.
Илоҷи дарди ишқаш аз муҳаббат,
Раҳи садсолаи дармон бипӯем!

❀ ❀ ❀

Дило, дарди туро ҳоҷат набошад,
Муҳаббатро сари тоат набошад.
Ба ғамҳои ту одат кардам, эй дил,
Аҷаб дорам, туро тоқат набошад!

❀ ❀ ❀

Дилам дар сина танг омад, куҷоӣ?
Ба ҳоли дил чаро ин бевафоӣ?
Садоқат хоҳад ин дил дар муҳаббат,
Намедонӣ ту расми ошноӣ!

❀ ❀ ❀

Чӣ медонӣ ту ҳоли ман, дил, эй дил?
Чӣ бикшоӣ ба фоли ман, дил, эй дил?
Фақат ман донаму донад Худоям,
Зи асрори висоли ман, дил, эй дил!

❀ ❀ ❀

Биё, рози диламро бо ту гӯям,
Ҳама сози диламро бо ту гӯям.
Набардорад ҷаҳон нози диламро,
Биё, нози диламро бо ту гӯям.

# МУНДАРИЧА

*Гулназар*. Шеъри табиб ........................................................3
Тоҷикистон ...................................................................................4
Соли асп .......................................................................................5
Дунёи ман ....................................................................................6
Ҷашни миллат ..............................................................................7
Таманно ........................................................................................8
Азму ҷаҳд .....................................................................................9
Ба ёди модар ..............................................................................10
Мӯҳтоҷи беҳбудем мо ................................................................11
Хуштаре нахоҳем ёфт ................................................................12
Дили моро ..................................................................................13
Тасаллӣ .......................................................................................14
Дареғ ..........................................................................................15
Умеди дил ..................................................................................16
Меҳроби намоз ...........................................................................17
Мову ту .......................................................................................18
Муҳаббат ....................................................................................19
Ганҷина ......................................................................................20
Меҳр ...........................................................................................21
Гули орзу ...................................................................................22
Ману дил ...................................................................................23
Нашуд .........................................................................................24
Гавҳари рахшон .........................................................................25
Ҳидоят ........................................................................................27
Зиёбахш ......................................................................................28
Нози дилҷӯят ..............................................................................29
Ҳасрати маҳҷурӣ ........................................................................30
Дар ғамат ....................................................................................31
Пайдо мекунам ...........................................................................32

Роҳи ҳама бар сӯи ӯст ........................................................33
Боварӣ......................................................................................35
Ёддошт.....................................................................................36
Шикоят ба худ..........................................................................37
Ҳушдор.....................................................................................38
Санги мазор..............................................................................39
Ҳасрати дил..............................................................................40
Занг бизан.................................................................................41
Эй ёраки дарвозӣ .....................................................................42
Шукрона ...................................................................................43
Раҳпоӣ.......................................................................................44
Як ту медонӣ… .........................................................................45
Аз куҷо ёбам.............................................................................47
Сидқ ..........................................................................................48
Шеъри равон ............................................................................49
Беназир .....................................................................................50
Сад дареғи зиндагонӣ..............................................................51
Орзуи духтарчаам Сарвиноз...................................................52
Баҳор.........................................................................................53
Ошиқӣ.......................................................................................54
Саодати дили манӣ ..................................................................55
Наврӯзи мо фирӯз шуд............................................................56
Бӯи баҳор мерасад ..................................................................58
Наврӯзӣ.....................................................................................60
Шаст..........................................................................................62
Душанбе – шаҳри орзу ...........................................................63
Ба хотири модари зиндаёдам..................................................65
Барои ҷигаргӯшаам Комилҷон ..............................................65
Хоҳам, ки пирӯз оӣ..................................................................66
Шоирам......................................................................................67
Садои оҳанги манӣ ..................................................................69

Имтиҳони нангу ор ....................................................... 70
Соли ҷалоли нур ......................................................... 71
Родмарди меҳан .......................................................... 72
Барои Тоҷикистон......................................................... 74
Зиндагӣ ...................................................................... 75
Сайди шикори ман туӣ.................................................. 77
Ватан.......................................................................... 78
Армони дилам.............................................................. 79
Эй ёр, суроғам кун........................................................ 80
Резаҳо......................................................................... 82
Пораҳо ........................................................................ 85
Рубоиҳо....................................................................... 86
Дубайтиҳо ................................................................... 96
Дилпораҳо .................................................................. 106

**Зиё Раҳмон**
**САФОИ ДИЛ**
*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Чопи компютерӣ *Зуҳробонуи Мирзоназар*

Ба матбаа 20.01.2014 супорида шуд.
Чопаш 22.01.2014 ба имзо расид. Андоза 70х108 1/32.
Ҷузъи чопӣ 7,75. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а

Дар матбааи «Олами дониш» чоп шудааст.